**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
и.в. директори Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
____________ Буризода Э.Б.
«___» _______ соли 2026

# ХУЛОСАИ

шуъбаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ ва шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ва Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ иҷро карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Тоҷиддини Баҳриддин унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ва Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ба шумор меравад.

Тоҷиддини Баҳриддин соли 2020 ба шуъбаи таҳсилоти дуюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшинос» хатм намудааст.

Таҳқиқоти илмиро аз соли 2021 дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ-и АМИТ аз рӯи мавзуи мазкур оғоз намудааст(Суратҷаласаи №2 аз 12.03.2021). Баъдан бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28 январи соли 2025 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ қабул гардида, аз 02 январи соли 2026 ба Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ интиқол шудааст.

Тоҷиддини Баҳриддин аз 12.12.2022 ба ҳайси Сардори раёсати кишварҳои хориҷии (муовин) Муассисаи давлатии "Маркази барномаҳои байналмилалӣ» кор мекунад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 31.01.2025 (протоколи № 1) тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Одиназода Рамазон Сафар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Директори Муассисаи давлатии "Маркази барномаҳои байналмилалӣ», ш.Душанбе.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 08.01.2026 №1356 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ аз 20 феврали соли 2026 (протоколи №2) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия баҳои мусбат дода шуда, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ чунин **хулоса қабул карда шуд:**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуъ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мутобиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» омода шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии хеш баҳри рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ як қатор тадбирҳо андешид, ки дар натиҷа ин бахши муносибатҳои барои давлату ҷомеа ҳаётан муҳим сол то сол густариш меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти комил давлати иҷтимоӣ эълон гардид ва тибқи Конститутсия ҶТ ҳадафи асосии давлат фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва рушди озодона барои ҳар як инсон аст. Омили асосии таъмин шудани ин ҳадафи олии давлатӣ маҳз амалисозии босифати талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муҳимияти мавзӯъи таҳқиқотӣ дар он аст, ки айни замон низоми идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири равандҳои муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба мушкилот ва чолишҳои нав ру ба ру шуда истодааст. Тавсеаи шуғли пурмаҳсул ва равандҳои рақамикунонӣ мутаносибан шаклу усулҳои нави идора ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатро талаб менамоянд, ки онҳо таваҷҷуҳи ҳамаи субъектҳои ҳуқуқии ин низомро ба масъалаҳои идоракунӣ ва ташкили меҳнат дар шароити нав ва дар ҳама сатҳҳои танзими ҳуқуқии он талаб дорад. Бо назардошти ин омилҳо тақвияти ҳамкориҳо барои таъмини идоракунии самараноки меҳнат дар шароити муосир яке аз ҳадафҳои асосии шарикони иҷтимоӣ: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони кормандон ва намояндагони корфармоён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 «сармоягузорӣ, сармояи инсонӣ, маҳсулнокӣ, тиҷорат ва ҳамгироӣ, инчунин ниҳодҳо ва идоракунӣ манбаъҳои асосии густариши шуғли пурмаҳсул ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ» муайян шудаанд.

Муҳиммияти мавзуъи таҳқиқотӣ аз ҳадафҳои соҳаи меҳнат бармеояд. Фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат, таъмини кори арзанда ва ҳамзамон маҳсулнокии он вазифаи асосии ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб шуда, бояд меъёрҳое эҷод карда шаванд, ки аз як тараф, ба воқеъияти муосири рушди иҷтимою иқтисодии кишвар мутобиқ буда, гузариш ба бозори нави меҳнат ва усулҳои  идоракунии меҳнатро таъмин намоянд, аз ҷониби дигар, сатҳи зарурии ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқамандро кафолат дода тавонанд.

Барои татбиқи вазифаҳои стратегии ба миёнгузошташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҳлили пурра ва мунтазами илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат, бо мақсади муайян намудани унсурҳо ва раванди муносибатҳои ҳуқуқии ин самт, хусусиятҳо, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои такмили он гузаронида шавад.

Мубраммияти мавзуи таҳқиқотиро камтаҳқиқ будани мавзуъ ва коркард нашудани он дар самти таҳқикотҳои илмӣ, инчунин мавҷуд набудани боби алоҳида дар Кодекси меҳнати Тоҷикистон, ки масоили вобаста ба танзими муносибатҳои идоакунии меҳнатро ташкил медиҳанд, ба миён овардааст. Дарёфти роҳҳои ҳали маҳз масоили идоракунии меҳнат метавонад калиде барои ташаккули соҳа ва самаранок гардидани меҳнат дар кишвар гардад. Аз ин рӯ мавзуи пешниҳодшуда бешубҳа мавзуи мубрами илмӣ буда, анҷом додани чунин таҳқиқот самараи бузурги иқтисодӣ, илмӣ ва амалӣ дорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатия мебошанд. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро иниъкос мекунад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми довталаб дар он ифода мeёбад, ки муаллиф мустақилона таҳқиқоти диссертатсиониро анҷом дода, мақсад ва вазифаҳои барои анҷом додани таҳқиқот пешбинишударо бо муваффақият иҷро намудааст. Дар таҳқиқоти илмии мазкур, унвонҷӯ масоили мубрам ва роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст; дар асоси таҳлили ақидаҳои олимон ва омӯзиши сарчашмаҳои зиёд хулосаҳои худро баён намудааст.

Дар натиҷаи таҳлили осори илмӣ ва таҷрибаи идоракунии меҳнат муаллиф мафҳуми муаллифонаи идоракунии меҳнатро пешниҳод кардааст. Дар диссертатсия дар заминаи методологияи илмҳои ҳуқуқӣ усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои соҳавии ҳуқуқӣ мафҳум, пайдоиш, даврахои рушд ва мазмуну мундариҷаи ниҳоди идоракунии меҳнатро ошкор сохтааст.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмуи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои илмии истифодашуда ва амалияи идоракунии меҳнат, ки ҳангоми таҳияи диссертатсия истифода шудаанд, муайян карда мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар шакли мақолаҳо дар нашрияҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла конфронсу семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

Тоҷиддини Б. Мафҳуми ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва низоми он: фаҳмиши классикӣ ва муосири ин ниҳод. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С.144-151. ISSN 2305-0535.

Тоҷиддини Б. Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ (ташкилот). [Матн] / Одиназода Р.С., Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С.139-144. ISSN 2305-0535.

Тоҷиддини Б. Моҳияти муносибатҳо од ба идоракунии меҳнат ва намудҳои асосии он. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4 (56). – С.130-136. ISSN 2305-0535.

Тоҷиддини Б. Низоми миллии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2026. – №1 (57). – С.134 -142. ISSN 2305-0535.

Тоҷиддини Б. Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули идоракунии меҳнат дар марҳилаи тошуравии давлатдории тоҷикон. Ниҳоди идоракунии меҳнати ҳамкасбон. [Матн] / Тоҷиддини Б., Э.Б. Буризода, Р.С. Одиназода // Фуруғи илм. Маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – 2025.–№4(08). –С.225-231. ISSN.

Тоҷиддини Б. Танзими байналмилалӣ -ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва таъсири он ба қонунгузории миллӣ. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. -2025.- №4(20). – С. 161-169. ISSN 2710-4672.

Тоҷиддини Б. Ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар идоракунии меҳнат [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2026. – №2 (58). – С. 120 -125. ISSN 2305-0535.

II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-оммавӣ нашр шудаанд:

Тоҷиддини Б. Ҷанбаҳои ҳуқуқии иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии “Хониշҳои академӣ-ҳуқуқӣ”, бахшида ба рӯзи “Ваҳдати миллӣ” ва фаъолияти илмии академик Фозил Тоҳиров. – Душанбе: “Дониш”, 2024. –С.177-187.

Тоҷиддини Б. Нақши стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар идоракунии меҳнат дар шароити муосири рушди муносибатҳои меҳнатӣ. [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маводи семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ “Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи

меҳнат дар давлатҳои ИДМ: чолишҳои муосир ва роҳҳои муносибсозӣ”. – Душанбе: “Дониш”, 2025. - С. 77-83.

Тоҷиддини Б. Масоили танзими ҳуқуқии иштироки кормандон дар идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тоҷиддини Б. // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 351-357.

Тоҷиддини Б. Нақши шартномаи коллективӣ ва дигар санадҳои маъмурӣ дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот // [Матн] /Тоҷиддини Б.// Маҷалаи илмии «Бозори меҳнат» - Нашриёти Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. 2025. №4 (67). - С.61-67.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти маҷмӯии илмие мебошад, ки дар он паҳлуҳои гуногуни масоили идоракунии меҳнат мавриди пажӯҳиши илмии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Навгониҳои илмии таҳқиқот аз хулоса ва пешниҳодҳои илмии дар натиҷаи он ҳосилшуда иборатанд. Аз натиҷаҳои умумии омӯзиши мавзуи мазкур консепсияи илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шудааст. Инчунин, идоракунии меҳнат ҳамчун яке аз институтҳои мураккаби ҳуқуқи меҳнат баррасӣ шудааст, ки предмети он танзими муносибатҳои ҷамъиятии идоракунии меҳнатро дар ҳама сатҳу зинаҳои он: ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ, локалӣ фаро мегирад. Дар таҳқиқот сохтор ва механизми танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи локалӣ ошкор карда шуданд. Заминаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ҳамаҷониба таҳлил шуда, мафҳумҳои асосии ҳуқуқии соҳаи идоракунии меҳнат аниқ ва пурра карда шудаанд.

Аз ҷумла, дар таҳқиқоти мазкур мафҳуми “идоракунии меҳнат” таҳия шудааст, ки аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дошта, барои истифода дар таҳқиқотҳои илмии ин самт ва амалияи қонунгузорӣ зарур мебошад. Ҳамчунин, пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ навгониҳоро дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ворид менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти мавҷуд набудани меъёр ва боби алоҳида дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи муайян асоснок карда шуда, дар асоси муқаррароти илмии аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур ҳосилшуда, барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тавсияҳои амалӣ манзур шудаанд.

Навоварии таҳқиқот ҳамчунин дар таҳлили мукаммали меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Навоварӣ инчунин ба пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия доир ба такмили механизмҳои идоракунии меҳнат ва татбиқи он дар қонунгузории миллии Тоҷикистон ироа шудаанд, зоҳир мегардад.

Аҳамияти илмии таҳқиқот ҳам дар равиши таҳқиқи масъалаҳои гузошташуда ҳамчун масъалаи мураккаб ва гуногунҷанба, ҳам дар дарёфти роҳҳои ҳалли як қатор масъалаҳои мушаххас ифода меёбад. Онҳо дар нуктаҳои асосие, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардида, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, таҷассум ёфтаанд.

Ба андешаи унвонҷӯ, гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии қонунгузорӣ (давлат); бастани шартномаи коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои фардии меҳнатӣ зарур мебошанд.

Ба андешаи унвонҷӯ, набояд мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» омехта карда шавад. Идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад. Ташкили меҳнат танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, мутобиқсозии равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад.

Аз натиҷаи омузиши мазмуни мафҳуми ҳуқуқии «идоракунии меҳнат» ошкор гардид, ки шарҳу тавзеҳи мавҷуда доир ба ин мафҳум гуногун буда, мукаммал нестанд. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда ва амалияи қонунгузории меҳнат дефинитсияи “идоракунии меҳнат” таҳия шудааст, ки аз назари унвонҷӯ мавзуъ ва таркиби субъективии муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат комилан ифода менамояд: «**Идоракунии меҳнат** - маҷмуъи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат: таҳияи меъёри ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли самарабахш, ҳифзи меҳнат, такмили ихтисоси кормандон ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад».

Аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шудааст, ки мушкилоти рақамикунонии меҳнат боиси шадидтар гардидани ин мубоҳисаҳо мегардад, ки чунин вазъият аз илм ва қонунгузорӣ роҳҳои нав ва ғайристандартии ҳалли онро талаб мекунад.

Муаллиф исбот намудааст, ки бо назардошти нишондодҳои илмӣ ва стандартҳои байналмилалӣ яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнат ин ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад ва он бояд ба сифати мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад. Дар низоми ҳуқуқи меҳнат институти идоракунии меҳнат бо чунин хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ба худ хос фарқ мекунад: 1) танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат бо тарзу усулҳои махсус амалӣ карда мешавад; 2) дар он бештар аз усулҳои императивии муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо истифода мешавад; 3) идоракунии меҳнат дорои хусусияти танзими ҳуқуқи давлатӣ-хусусӣ аст; 4) дар он танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат мавқеи асосӣ дорад; 5) дар идоракунии меҳнат усулҳои таъсиррасонии мустақим ба таври васеъ истифода мешаванд (фармонҳо, қарорҳо); 6) низоми субъектҳои идоракунии меҳнат дар сатҳу зинаҳои гуногун амал мекунад, аз ҷумла дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ, соҳавӣ ва локалӣ; 7) идоракунии меҳнат хусусияти байнисоҳавӣ дошта, доираи васеъи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод фаро мегирад; 8) чорабиниҳо оид ба идоракунии меҳнат таркиби мураккаби ҳуқуқӣ ва хусусияти доимию мунтазам доранд; 9) низоми идоракунии меҳнат маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хос: меъёрҳои моддию мурофиавӣ; меъёрҳои шарикӣ - коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дорад.

Ошкор гардид, ки ҳарчанд идоракунии меҳнат вазифаи асосии танзими қонунгузории меҳнат маҳсуб мешавад, вале дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) масъалаи мазкур ба таври равшану возеҳ дарҷ нашудааст. Моддаи 3 КМ ҶТ, ки вазифаҳои қонунгузории меҳнатро ифода мекунад, мавзуъҳои дар он дарҷёфта на вазифаи қонунгузорӣ, балки мазмунан ба мақсадҳои қонунгузорӣ муносибанд. Бинобар ин ба андешаи мо зарур аст, ки моддаи мазкур такмил дода шуда, «танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат» яке аз вазифаҳои авалиндараҷаи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Ҳамчунин, принсипи «таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо» ба радифи принсипҳои дар моддаи 4 КМ ҶТ дарҷшуда, илова карда шавад.

Дар диссертатсия унсурҳои асосии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат муайян гардиданд. Идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ аз танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба таъмини шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо аз ҷумла: таъмини шароити бехатари ҷои кор; танзими реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳати кормандон дар ташкилотҳо; муқаррарсозии низоми пардохти музди меҳнат ва дигар кафолату ҷуброноти меҳнатӣ; таҳияи санадҳо оид ба меъёрбандии меҳнат дар сатҳи

ташкилотҳо; таъмини шароити иҷтимоию маишии кормандон ва ғ. иборат аст. Ин тадбирҳо тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаҳои коллективӣ танзим карда мешаванд.

Муайян гардид, ки санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот вобаста ба хусусияташон ба санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо мешаванд. Норасоии КМ ҶТ ҳолатҳои ҳатмӣ будани қабули санадҳои корфармо мушаххас нестанд. Чунин ҳолатҳо ва духӯрагиҳо дар мавриди қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо дар як қатор моддаҳои КМ ҶТ (моддаҳои 72, 102, 125, 139, 158) ошкор гардиданд. Ба андешаи унвонҷӯ, барои роҳ надодан ба номуайянии ҳуқуқӣ, бояд ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, муайян карда шавад, ки корфармо бояд дар кадом ҳолатҳои мушаххас санади чи гуна меъёрии дохилиро қабул намояд.

Муаллиф низоми субъектҳои идоракунии давлатии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас кардааст, ки аз маҷмуи мақомоти давлатии дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун иборат мебошад. Ваколатҳои мақомоти идоракунии меҳнат вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар сатҳҳои он аз ду гуруҳи асосӣ иборатанд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ.

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки дар КМ ҶТ ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии соҳаи меҳнат тақсимбандӣ нагардидааст, ки ислоҳро талаб мекунад.

Исбот карда шудааст, ки корфармо субъекти асосии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ буда, маҷмуъи ҳуқуқу ухдадориҳои барои ин фаъолият заруриро дорад, роҳбарӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдор, таҳия ва қабули қарорҳои ҳатмии роҳбарикунанда, санадҳои ташкилию маъмуриро амалӣ менамояд, ба иҷрокунандагони масъул таъсир мерасонад.

Ошкор шудааст, ки дар КМ ҶТ доир ба таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла имкони ширкат дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, меъёри мушаххас муқаррар нашудаанд. Ба андешаи унвонҷӯ қонунгузор мебоист принсипҳо ва механизми татбиқи ин ҳуқуқро, аз ҷумла тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас мекард. Ин холигӣ ва аз танзимоти мушаххаси ҳуқуқӣ берун мондани он боиси дар амалия ба таври зарурӣ татбиқ нагардидани ин ҳуқуқи кормандон гардида истодааст. Талаботи мазкур аз муқарраротои Конвенсияҳо ва Тавсияҳои ТБМ бармеояд, ки тибқи ин санадҳо ҳар як узви ТБМ, ки санадҳои мазкурро тасдиқ кардааст, барои дар доираи низоми

идоракунии меҳнат таъмин намудани машваратҳо, ҳамкорӣ ва гуфтушунид байни мақомоти давлатӣ ва ташкилоти намояндагии корфармоён ва кормандон ё дар ҳолати зарурӣ намояндагони корфармоён ва кормандон бояд тадбирҳои зарурӣ андешад.

Унвонҷӯ як қатор камбудиҳоро дар истифодаи истилоҳҳои гуногун дар матни КМ ҶТ ба мисли «ризояти намояндагони кормандон» ва «машварат бо намояндагони кормандон» ошкор карда, андеша дорад, ки онҳо дар амалия ба роҳ ёфтани духӯрагӣ дар таъмини ҳуқуқҳои кормандон барои иштирок дар идоракунии меҳнат боис гардида, дар маҷмуъ сатҳи қобилияти ҳуқуқии коллективи кормандонро ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ коҳиш медиҳад. Бинобар ин, пешниҳод намудааст, ки ба КМ ҶТ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, истилоҳи ягонаи «бо машварат ва ризояти намояндагони кормандон» истифода карда шавад. Унвонҷӯ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои таҳкими қонунгузорӣ ва танзими меҳнат пешниҳод намудааст, ки истифодаи он метавонад холигии зиёдеро дар идоракунии меҳнат аз байн барад.

Мазмуни маводи таҳқиқотӣ ба таври пурра дар мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб инъикос ёфтааст.

**Дар натиҷаи муҳокима қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ таҳқиқоти илмӣ-назариявии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзадӣ мутобиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисос мутобиқат намуда, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ гардидааст, алоқаманд мебошад.

3. Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ ва шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2026 (протоколи № 2) қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
Мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдуҷалилов А.

**Котиби ҷаласа:**
Лаборанти калони шуъбаи таърихи давлат
ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзоева С.С.

Имзои д.и.ҳ. А.Абдуҷалилов ва С.С. Мирзоеваро
**тасдиқ мекунам:**

Нозири калони кадрҳои ИДҲ-и АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.

«23» 02 2026 с.

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: 2-21-65-85, факс: 2-21-66-72
Почтаи электронӣ: idh@amit.tj
Сомонаи Интернетӣ: https://www.idhamit.tj